# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ) – пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» унвон дошта, ба таҳқики масъалаҳои назариявӣ ва амалии методикаи таълими адабиёти тоҷик, аз ҷумла, таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар шароити амалӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим бахшида шудааст. Мавзуи мавриди таҳқиқ қарорёфта аз ҷиҳати илмию амалӣ ба талаботи муосири илмҳои педагогика ва методикаи таълим ҷавобгӯ буда, ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мусоидат менамояд. Таҳқиқот муносибати нави консептуалӣ доштанро ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти адибони классик, дар мисоли ҳаёт ва эҷодиёти яке аз адибони машҳури қарни XV- Абдураҳмони Ҷомӣ, ки дар тамаддуни башарӣ мақоми шоиста дорад, тақозо менамояд. Он бо истифода аз технологияҳои навини таълим, бо нишон додани натиҷаҳои босамари ба илм асосёфта ва дар таҷриба аз озмоиш гузашта пешниҳод шудааст, ки метавон онро таҳқиқоти нахустин дар соҳаи методикаи таълими адабиёти тоҷик дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон донист.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ созгор ва аз се бобу нуҳ фасл иборат буда, матни

диссертатсия 206 саҳифаи чопӣ мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 254 номгӯй иборат буда, истифодаи онҳо тибқи талаботи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ба роҳ монда шудааст.

Навгониҳои илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки муҳақиқ бори аввал омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомиро, ки имрӯз дар ҳамаи зинаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълим дода мешавад, дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим бо истифода аз технологияҳои навини таълим ба анҷом расонидааст. Рушди муносибати босалоҳият, ки имрӯз яке аз рукнҳои меҳварӣ дар ҷараёни таълиму тарбия муқаррар шудааст, бори аввал дар заминаи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ хеле дақиқ ва бо хулосаҳои илман ва амалан аз озмоиши педагогӣ гузашта пешниҳод шудааст. Дар ин самт муҳаққиқ дар педагогика ва методикаи таълими адабиёти тоҷик гузариш ба консепсияи дониш, таҷриба, малака (ДТМ)-ро дар мисоли таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибтидо гузошта, бартарии онро аз модули феълии дониш, малака, маҳорат (ДММ) дар асоси натиҷаҳои аз озмоиши таълимӣ бадастомада муқаррар намудааст. Дар диссертатсия назарияи илман арзишманд дар ин самт он аст, ки ёд додани омӯхтан ва ёд додани чӣ тавр дар амал истифода кардани донишҳои бадастомада бартарии консепсия ДТМ (дониш, таҷриба, малака)-ро аз консепсияи феълии ДММ (дониш малака, маҳорат) муқаррар менамояд. Дар диссертатсия бори нахуст мавқеи технологиҳои таълим (ҳамрадифшавии усулҳои таълим дар ташаккули салоҳиятҳо, истифодаи мақсадноки методҳои интерактивии таълим, аз ҷумла, методҳои лоиҳа, муқоиса, луғатомӯзӣ, арзёбӣ, ҷустуҷӯӣ-таҳқиқотӣ ва ғайра зимни омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод шудааст. Навгонии дигари таҳқиқот дар он муқаррар мегардад, ки муҳаққиқ ноқисиҳои барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷикро

холисона ва воқеъбинона ошкор ва сербории онҳоро мушаххасу муқаррар намуда, ба ташаккули қобилиятҳои когнитивӣ ва зинаҳои маърифатии тафаккури хонандаи мактаб созгор набудани онҳоро аз нигоҳи илмӣ собит намуда, омӯзиши консептуалии ҳаёт ва эҷодиёти адибони классикро вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим пешниҳод намудааст, ки арзиши илмию амалии корро тақвият бахшидааст.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти илмиву амалии масоили меҳварии мавзуъ зикр ёфта, дурнамои кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Хулосаҳои илмию амалии дисертатсия дар ташаккули методикаи навини адабиёти тоҷик арзишманд мебошанд. Тавсияҳои илмию методии диссертатсия доир ба тадбиқи раванди муносибати босалоҳият ҳангоми омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ характери косептуалӣ дошта, аз онҳо ҳангоми таҳияи стандартҳои давлатӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

Муҳтавои асосӣ, ҷамъбаст ва хулосаҳои озмоиши таълимӣ ва тавсияҳои илмию методии диссертант дар 15 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигари расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, ба мавзуъ ва мазмуни диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Автореферати диссертатсия муҳтаво ва мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос намудааст. Муқаддимаи кор, бобу фаслҳо ва хулосаи диссертатсия бо автореферат мувофиқат дошта, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, арзиши илмию амалии корро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Бобоева Зарнигор Тоҳировнаро дар

мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04 – назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

1. **Неъматов Саъдулло Эргашевич** - доктори илми педагогика, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

2. **Зоиров Сиротулло Абдулмаҷидович** – номзади илми педагогика, муовини директор оид ба корҳои тарбиявии МДТ литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар МДТ **“Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”** пешниҳод карда шавад.

4. Барои дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он иҷозат дода шавад.

5. Чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол намудани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
доктори илми педагогика, узви шурои
диссертатсионӣ Хоҷаев Қ.Т.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илми филология, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ Саидов С.

номзади илми педагогика, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ Исломов Ш.

«28» 02 2024